Тасдиқ мекунам
Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин. Айнӣ, доктори илмҳои таърих, профессор
__________ Ибодуллозода А.И.
" 18 " 09 соли 2023

**ТАҚРИЗИ**

муқарризи расмӣ ба рисолаи илмии Саодати Раҳмоналӣ дар мавзуи "Тарбияи хисси ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (дар мисоли ашъори адибони ҳавзаи Кӯлоб), ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) пешниҳод шудааст

Ташаккули давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд ба ташаккули инсони аз ҳар ҷиҳат комил аҳамияти хосса медиҳад ва пурзӯр намудани нақши ҷомеа дар таълиму тарбияи ҷавонон, таблиғи ғояҳои асосии миллӣ, садоқат ба Ватан, нангу номуси миллӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои таҳкими заминаи маърифати ҳуқуқӣ, сиёсӣ ва фарҳангии ҷавонон мувофиқи мақсад мебошад. Қисми таркибии ин вазифаи муҳимро такмили мазмуни таҳсилот ташкил медиҳад. Ҳаллу фасли пурсамари ин проблема ба он вобаста аст, ки то кадом дараҷа эҷодкорона ғояҳои пешқадами низоми педагогии гузаштаю муосир истифода мешаванд. Яке аз вазифаи муҳимтарин аз захираи бузурги ғояҳои иҷтимоӣ, меъёрҳои маънавӣ ва анъанаҳои фарҳангӣ интихоб намудани арзишест, ки метавонад барои тарбияи насли наврас хизмат намояд.

Тадбирҳои мунтазами Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба амалӣ шудани сиёсати давлатии ҷавонон дар раванди бунёди давлати соҳибистиқлол, демократӣ ва ҳуқуқбунёд ва ташаккули шахсияти ҷавонон дар ҷомеа нақши асосӣ ва самарабахш бозида истодааст. Бахусус, қабул ва амалигардии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон»", Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи миллии сиёсати ҷавонони Тоҷикистон, Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020, Барномаи давлатии

тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ҳувияти миллии ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022 ва Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар роҳи амалишавии сиёсати давлатии ҷавонони Тоҷикистон дастовардҳои назаррас ба бор оварданд.

Дар Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ҳувияти миллии ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022 чунин омадааст: “Тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ҳувияти миллии ҷавонон яке аз ҷузъҳои таркибии ҷараёни тарбия ба ҳисоб рафта, ҷавононро дар роҳи садоқат ба Ватан, эҳтиром ба арзишҳои миллӣ, худогоҳию хештаншиносӣ ва масъулияти шаҳрвандӣ ҳидоят менамояд. Дар тамоми кишварҳои ҷаҳон ҷавонон ба сифати нерӯи пуриқтидор ва ҳомии Ватан эътироф шудаанд”.

Аз ин лиҳоз, интихоби мавзуи интихобнамудаи Саодати Раҳмоналӣ дар мавзуи “Тарбияи ҳисси ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар хонандагони муассисаҳои тасилоти миёнаи умумӣ (дар мисоли ашъори адибони ҳавзаи Кӯлоб) мубрам буда, ба таълиму тарбияи самараноки хонандагон, шавқу рағбати онҳо ба осори пандуҳикматии мутафаккирони классику муосир, аз ҷумла, ба эҷодиёти адибону шоирони муосир зиёд мегардонад ва ҳисси ватандӯстию ифтихори миллӣ ва меҳру муҳаббати онҳоро ба ватани аҷдодӣ, эҳтиром ва ҳимояи марзу буми он меафзояд.

Дари ин радиф, муҳаққиқ муайян намудааст, ки ҳарчанд масъалаҳои ташаккули ғояҳои тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар ашъори адибону шоирони муосир, хосатан, шоирони ҳавзаи адабии Кӯлоб С. Вализода, С. Одиназода, Ғ.Сафарзода, Ҳ. Ғоиб, С. Ҳакимзода, Х. Вализода, С.Аюбӣ, М. Ғоиб, С. Раҳмон, Н. Аюбӣ, С. Аюбзода (Маҳзун), Ш.Ёдгорӣ, Л.Хомӯш, Р.Роғӣ, М.Раҳимзода, И.Хатлонӣ, Хайриддин Қурбонов (Хайрандеш), С.Амирхон, А.Муродӣ, О.Раҳмон, С.Султон, М. Зокирова, Ҳ. Раҳмонзода васеъ матраҳ гардида бошад ҳам, вале то ҳоло дар сатҳи зарурӣ омӯхтанашуда боқӣ мондаанд ва таҳқиқоти алоҳидаи илмиро тақозо менамоянд.

Мақсади таҳқиқотро муҳаққиқ дар муайян кардани ғояҳои ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар ашъори адибони ҳавзаи адабии Кӯлоб ва истифодаи он дар тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ гузошта, имконият, муҳити таълиму тарбия ва шароитҳои педагогии тарбияи хонандагонро дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ бо истифода аз ғояҳои ватандӯстона ва ифтихори миллии осори адибони ҳавзаи Кӯлоб дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мавриди омӯзишу таҳлил қарор додааст.

Муҳаққиқ зимни таҳқиқоти илмӣ ақидаҳои педагогии осори адибон, мақола, асар, таҳқиқот ва корҳои илмӣ-таҳқиқотии ба таълиму тарбияи хонандагон дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ бахшидашудаи олимон-педагогҳо ва муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ, маъхазҳои илмӣ-методӣ, адабиёти гуногуни бадеӣ, фалсафӣ, психологию педагогӣ ва сотсиологӣ, ҳамчунин, дастуру роҳнамоиҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат - Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмонро оид дар рӯҳияи хештаншиносию худогоҳии миллӣ, ватандӯстию донистани таърихи гузаштаву муосири аҷдодон тарбия намудани насли наврас, санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф ва консепсияву барномаҳои давлатии рушди маорифро мавриди таҳлилу омӯзиш қарор додааст.

Ҳамчунин, тавассути таҳлили назариявӣ ва амалии проблемаи ташаккули ғояҳои тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ меъёрҳои асосӣ ва нишондиҳандаҳои ташаккули ҳисси ватандӯстӣ ва ифтихори миллииро дар хонандагон равшан ва аниқ баён намудааст.

Дар асоси омӯзишу таҳқиқи мавзуъ ва натоиҷи корҳои озмоишӣ пешниҳод карда шудааст, ки ташаккули гояҳои тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ бидуни азхуд кардани фарҳанги миллӣ аз имкон берун аст, бинобар ин унсурҳои он бояд ба мундариҷаи фаъолияти таълимӣ ва корҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабии мактаббачагон ворид карда шаванд.

Натиҷаҳои таҳқиқотро барои таҳияи ҷанбаҳои педагогии ташаккули ҳисси ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ метавон васеъ истифода бурд. Маводи таҳқиқот метавонад ба мутахассисони соҳаи педагогика, равоншиносон, омӯзгорон ва устодони муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии равияи омӯзгорӣ ва такмили ихтисос, инчунин, ба донишҷӯён - омӯзгорони ояндаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба сифати маводи ёрирасон оид ба ташкили раванди тарбияи ҳисси ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар хонандагон кумак кунад.

Муаллифи диссертатсия Саодати Раҳмоналӣ мақсади таҳқиқот ва фарзияи онро дуруст муайян карда, барои анҷом додани пажӯҳиши илмӣ ҳаллу фасли проблемаҳои муҳимро аз зумраи омӯзиш ва таҳлили асосҳои педагогии тарбияи хонандагон дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ ҳамчун як ҷузъи ҷараёни омӯзиш ва дар ин радиф муайянсозии сатҳи тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллии хонандагон; ошкор намудани воситаҳои самараноки тарбияи хонандагон дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ ва таҳқиқи вазъи адабӣ, фарҳангӣ ва рушди афкор оид ба тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар даврони

муосир, аз он ҷумла сарчашма ва манбаъҳои асосии пайдоиш ва инкишофи ғояҳои тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар ашъори адибон ҳавзаи Кӯлобро мавриди назар қарор додааст.

Бояд қайд намоем, ки довталаб ҷиҳати ҳалли проблемаи таҳқиқ ва ошкорсозии ғояҳои ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар ашъори адибони ҳавзаи Кӯлоб амсилаи педагогии ташаккулу рушди ватандӯстӣ ва ифтихори милли хонандагон ва истифодаи онро дар тарбияи хонандагон коркард намуда, ба вазифаҳои дар назди таҳқиқоти диссертатсионӣ гузоштааш ноил гаштааст.

Зикр намудан ба маврид аст, ки муаллифи диссертатсия барои таҳқиқ фарзияи илмии рисоларо ба таври воқеъбинона дуруст муайян карда, ошкор намудааст, ки тарбияи хонандагони МТМУ дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ ба мақсад мувофиқу самарабахштар мегардад, агар:

1) мунтазамии таълими мавзуъҳо оид ба ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар ашъори адибон аз тарафи омӯзгорон бо мақсади муайян ва бомаврид дар раванди таълиму тарбия роҳандозӣ ва таъмин гардад;

2) ташаккул ва рушди салоҳиятҳо ва ҷаҳони маърифатӣ дар робита ба ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар асоси ашъори адибони ҳавзаи Кӯлоб дар ин самт, ҳамчунин, хусусияти фардии ҳар як хонанда ба инобат гирифта шавад;

таҳлил, хулосабарорӣ ва ҷамъбасти мавзуъҳои таълимии вобаста ба ватандӯстӣ, ифтихори миллӣ нисбати ҳаёт, бахусус, ба ҳаёти ҳаррӯзаи бачаҳо дар заминаи ашъори адибони минтақаи ҷумҳурӣ қиёс карда шавад;

4) мазмун ва мундариҷаи мавзуъҳои таълимӣ ба ташаккул ва рушди ватандӯстӣ ва ифтихори миллии хонандагон дар асоси ашъори адибон нигаронида шуда, ба ин масъала бештар диққати ҷиддӣ равона гардад;

Муҳаққиқ хеле бамаврид муайян намудааст, ки ғояҳои ватандӯстона ва ифтихори миллии ашъори адибон дар ҷараёни таълиму тарбияи хонандагон ҷузъи асосии ташаккули ҷаҳони маънавӣ ва бедории афкори хонандагон маҳсуб меёбад.

Таҳлилу баррасии зимни таҳқиқот ва корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ бадастовардаи унвонҷӯ Саодати Раҳмоналӣ аз он шаҳодат мудиҳанд, ки фарзияҳои аз ҷониби муаллифи диссертатсия пешниҳодшуда тасдиқи амалии худро ёфтаанд.

Таркиб ва сохтори рисола аз мақсаду вазифаҳои таҳқиқот, манбаъ ва ҳадафи пажӯҳиш, фарзияҳо ва марҳилаҳои таҳқиқот, асоси назарӣ ва амалию усулу роҳҳои таҳқиқ муназзам гардидааст. Рисолаи илмӣ дар

заминаи таҷриба ва собиқаи корӣ ба миён омадааст, ки ин дастоварди хуби муҳаққиқ мебошад.

Навгониҳои илмии таҳқиқот асоси илмию таҳқиқотӣ дошта, моҳияти тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар хонандагонро дар асоси осори назмию насрии адибони ҳавзаи Кӯлоб арзёбӣ гардидааст. Механизми ташаккули тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллии хонандагон дар ҷараёни корҳои таълимию тарбиявии муассисаҳои таълимӣ дар заминаи назарияи диспозитсионии шахсият аз мавқеи адибони мазкур муайян шуда, самаранокии амсила ва технологияи ташаккули ғояҳои тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллии ҷавонон дар раванди таълиму тарбия дар асоси ашъори адибон собит карда шуд.

Яке аз падидаҳои нави илмии таҳқиқот дар он собит мегардад, ки дар он технологияи ташаккули ҳисси ифтихори ватандорӣ ва худогоҳии миллии хонандагон бо такя ба осори назмии адибони ҳавзаи Кӯлоб дар раванди корҳои таълимиву тарбиявӣ дар асоси ғояҳои ватандӯстона ва ифтихори миллӣ таҳия карда шуд.

Дар муқаддимаи диссертатсия муҳиммияти мавзӯи таҳқиқшаванда собит карда шуда, доир ба маводи таҳқиқ ва аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия, навгониҳои илмии диссертатсия, равиши таҳқиқи мавзӯъ, манобеи пажӯҳиш ва сатҳи эътимоднокӣ ва коркарди мавзӯъ маълумоти мушаххас оварда шудааст.

Таркиб ва сохтори рисола аз муқаддима, 2 фасл ва хулоса, феҳрасти адабиёт ва номгӯйи дигар, дар маҷмӯъ 181 саҳифаро ташкил мекунад.

**Боби якуми диссертатсия «Асосҳои назариявии ташаккули ғояҳои тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ»** номгузорӣ шудааст. Мавриди мураттабсозии боби мазкур муаллиф дар қайд менамояд, ки рушди ҳар як миллат аз муносибати хонандагон ва наврасон ба ғоя ва арзишҳои миллӣ вобаста аст, ки он ба шуури наврасон чӣ гуна таъсир мерасонад ва то куҷо, яъне, то чӣ андоза ғояи миллӣ барои муайян кардани ҳадафу манфиатҳои ҳар як инсон пурмаъно хоҳад буд ва хидмат мекунад, хонандагон ва наврасон онро зуд дарк мекунанд, инчунин муносибати мусбати худро нисбат ба он зоҳир менамоянд.

Хеле бамаврид унвонҷӯ сохтори ватандӯстӣ ва худшиносии миллиро майян намудааст, ки аз чунин ҷузъҳо иборатанд: 1) шуури ватандӯстӣ; 2) тамоюли ватандӯстӣ ва худшиносии шахсият; 3) рафтори ватандӯстона. Шуури ватандӯстӣ ҳамчун як ҳамгироии сатҳи ангезавӣ-эҳсосӣ ва оқилона бо мафҳуми ватандӯстӣ тавъам ҳиссиёти ватандӯстӣ, худшиносӣ ва эътиқоди ватандӯстонаро ба вуҷуд меоранд. Биноан, шоирону адибони муосир, хосатан, шоирони ҳавзаи адабии Кӯлоб С. Ализода, С. Одиназода, Ғ.Сафарзода, Ҳ. Ғоиб, С. Ҳакимзода, Х.

Вализода, С. Аюбӣ, М.Ғоиб, С.Раҳмон, Н.Аюбӣ, С.Аюбзода (Маҳзун), Ш.Ёдгорӣ, Л.Хомӯш, Р.Роғӣ, М.Раҳимзода, И.Хатлонӣ, Хайриддин Қурбонов (Хайрандеш), С.Амирхон, А.Муродӣ, О.Раҳмон, С.Султон, Зиккамоҳи Деҳотӣ, М. Зокирова, Ҳ. Раҳмонзода ва чанде дигарон тавассути осору эҷодиёти баландарзиши хеш ба ин қазия диққати ҷиддӣ дода, дар тарбияи хислатҳои ҳамида, аз ҷумла, дар рӯҳияи хештаншиносиву худогоҳӣ тарбия ва ба воя расидани наслҳои оянда нақши арзанда гузоштаанд.

Муҳаққиқ мавриди баргузории мушоҳида, омӯзиш ва таҳлили нақша ва барномаҳои таълимӣ, мавзӯъҳои соатҳои тарбиявӣ, чорабиниҳои муассисавӣ ва бернуазмуассисавӣ муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба хулосае омадааст, ки тарбияи самараовари ватандӯстию ифтихори миллӣ қисмати ниҳоят муҳиму марказии рафти таълиму тарбия махсуб ёфта, дар рӯҳияи мазкур омода намудан ва ташаккули шахсияти онҳо тавассути азбаркунии донишу малака ва маҳорат ташаккули ҷаҳони маънавии ба талаботи ҷавобгӯ набуда, таҳқиқоти алоҳидаро тақозо мекунад.

**Боби дуюми диссертатсия “Таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишӣ оид ба тарбияи ҳисси ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар хонандагон бо истифода аз ашъори адибони ҳавзаи Кӯлоб”** бахшида шуда, татбиқи амалии амсилаи (модели) сохтории ташаккул ва рушди фаъоли ватандӯстӣ ва мавқеи ватанпарваронаи хонандагон ба амалисозии таҷрибаи мавҷудаи иҷтимоӣ ва ташаккули таҷрибаи нави ватандӯстӣ ва рафтори ватандӯстонаи хонандагонро дар бар мегирад. Ба фаъолияти иҷтимоӣ фаро гирифтани на танҳо хонандагон, балки омӯзгорон ва падару модарон низ аҳамияти чунин чорабиниҳоро барои хонандагон зиёд намуда, дар навбати худ ба афзоиши фаъолияти иҷтимоии онҳо ва ташаккули фаъолмандӣ ва мавқеи ватанпарваронаи хонандагон мусоидат мекунад.

Корҳои озмоишӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки дар шакли хулосаи бобҳо, хулосаҳои умумӣ ва тавсияҳои методӣ коркард ва пешниҳод шудаанд, аз он шаҳодат медиҳанд, ки аз ҷониби муаллифи диссертатсия таҳқиқоти дорои арзиши баланди илмиву амалӣ мураттаб шудааст ва истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот дар амалияи таълим бешак ба ташаккули салоҳиятҳои коммуникативӣ ва маърифатию эҷодии хонандагони синфҳои болоӣ мусоидат хоҳад кард.

Нуктаи назари олимонро омӯхта, муҳққиқ дар таҳқиқот ҷузъҳои ватандӯстӣ ҳамчун хислати шахсият чунин пешниҳод намудааст: муҳаббати ҷисмонӣ (ба ҷои таваллуд, фарҳанг, анъанаҳои мардум); муҳаббати ахлоқӣ (барои ҳамватанон, ифтихор аз мансубияти як нафар);

муҳаббати сиёсӣ (ифтихор аз муваффақияти давлат, эътимод ба сиёсати дохилӣ ва ғайра) мебошад. Ва чунин ҳам қайд мекунад, ки масъалаи ташаккули ғояҳои тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллии хонандагон он вақт ҷавобгӯи даврони муосир мегардад, ки он дар асоси талаботи методикаи кунунӣ ва технологияи навин бо мақсади тарбия намудани ахлоқи ҳамидаи инсонӣ ба роҳ монда шавад. Бинобар ин, ҳар як омӯзгор муваззаф аст, ки ҳолати рӯҳӣ (психологӣ) ва инкишофи ҷисмонию вазъи умумӣ ва умуман, шароитҳои ҳамаҷонибаи хонандагонро аз мадди назар дур нагузошта, дар хар як дарс дар мавридҳои мувофиқ, ҷиддан истода гузарад. Ҳар қадаре ки хонандагони МТМУ дар рӯҳияи хештаншиносию худогоҳии миллӣ ва ватандӯстию ватанпарварӣ бештар тарбия гиранд, ҳамон қадар ба моҳияти ифтихори миллӣ сарфаҳм мерафтагӣ мешаванд.

Зимни иҷрои машғулиятҳо (машғулиятҳои синфию беруназсинфӣ) бахри равшан кардани дараҷаи дониши хонандагони муассисаҳои таълимӣ вобаста ба тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар раванди таълим яке аз вазифаҳои асосии навбатии озмоиш дар назар буд. Омодагии омӯзгорон ва дар кадом сатҳ қарор доштани истифодаи тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ зимни таълим ниҳоят мавқеи муҳимро созгор аст ва зарур буд, ки аз ҷониби мо маҳорати корбарӣ ва ҷаҳони маърифатии онҳо дар рафти таҳқиқот ҳамаҷониба омӯхта ва дар мадди назар гузошта шавад.

Аз нигоҳи муҳаққиқ ҳангоми омодасозии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ вобаста ба тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ бояд:

- ба хислатҳое, ки мафҳум ва мазмуни тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллиро пурра мегардонанд, диққати асосӣ равона карда шавад;
- нисбат ба мавзуъҳои ба ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ марбутбуда фаъол гардонидани хонандагон;
- суръат ва сифату самара бахшидан ба азхудшавии ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ;
- барои дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ омода намудани мактаббачагон фароҳам овардани шароити мувофиқ;
- ба роҳ мондани корҳои беруназсинфию беруназмактабӣ бо иштироки шахсони хирадманду шинохта ва собиқадорони меҳнат;
- даъват намудани собиқ ҷанговарони башардӯст, кормандони ҳифзи ҳуқуқ, мақомоти ҳокимияти давлатӣ, афсарони ҳарбӣ ва амсол ба инҳо ба машғулиятҳои беруназсинфию беруназмактабӣ ва маҳфилҳои фаннӣ.

Дар идома муҳаққиқ қайд менамояд, ки ҳуҷҷати асосӣ барои ташкили раванди таълим бо хонандагони лаёқатманд барномаи таълимӣ мебошад. Мундариҷаи он асосан аз рӯи ду меъёр арзёбӣ мешавад: 1) маҷмӯи соҳаҳои таълимӣ; 2) умқи омӯзиши онҳо. Илова бар ин, ҳангоми таҳияи барномаҳои таълимӣ талаботҳои зерин ба назар гирифта мешаванд: 1) гурӯҳбандӣ (тақсим кардани) барномаҳои таълимӣ аз рӯи самт; 2) тақвияти вазифаҳои таҳқиқотии таълим; 3) фароҳам овардани шароит барои рушди тафаккури расмӣ-мантиқӣ ва эҷодии хонандагони мактаб; 4) қобилияти интихоб кардан. Низоми дидактикии рушди истеъдодҳои хонандагон дар марказ аз инҳо иборат аст: ташхиси психологӣ ва омӯзгорӣ, интихоби кадрҳои педагогӣ, мундариҷаи мусоиди барномаҳои таълимӣ, усулҳо ва шаклҳои таълими фаъол, назорати ислоҳӣ ва худидоракунӣ.

Яке аз омилҳои асосии кори таҷрибавӣ-озмоишӣ тарҳрезӣ ва корбандии машғулиятҳои берунасинфӣ ҳамчун воситаи асосии омода намудани хонандагон ба ҳаёти оянда тавассути тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ маҳсуб меёбад. Дар ҷамъ, ҳамаи онҳоро дар шакли корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ татбиқ намуда, дар ин замина пешниҳоду тавсияҳоро барои истифода бурдан дар амал пешниҳод кардааст.

Дастовардҳои таҳқиқот бо такя ба методологияи илмӣ, манбаъҳои гуногуни иттилоотӣ методӣ, педагогӣ, психологӣ, таҳлили мафҳумҳои асосӣ, истифодаи мақсадноки методҳои ҳамдигарро мукаммалкунандаи таҳқиқотӣ, ки ба ҳадаф, фарзия, предмет, вазифа ва мантиқи таҳққот мувофиқанд, мувофиқ карда шуданд. Илова бар ин, натиҷаҳои асосии диссертатсия дар нашрияҳои илмии тақризшаванда ва маҷмуаи маводи конференсияҳо дар шакли мақола ва фишурдаҳои илмӣ ба табъ расидаанд.

Автореферати диссертатсия дар сатҳи зарурӣ таҳия гардида, ба мазмуни диссертатсия мувофиқ аст ва доир ба моҳияти таҳқиқотии гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф тасаввуроти аниқро бозгӯ мекунад. Инчунин, ҷобаҷогузории қисмҳои алоҳидаи он, робитаи мантиқӣ ва мутассилӣ ба пуррагӣ риоя карда шудааст. Доир ба ҳар як боб, ва умуман ба рисола хулосаҳои возеҳу фаҳмо бароварда шудааст.

Дар умум, диссертатсияи Саодати Раҳмоналӣ дар мавзуи “Тарбияи ҳисси ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (дар мисоли ашъори адибони ҳавзаи Кӯлоб), ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) пешниҳод шудааст,

таҳқикоти анҷомёфтаи илмӣ дар соҳаи педагогикаи ватанӣ мебошад.

Дар баробари дастовардҳои илмии назариявию амалии муҳаққиқ, дар диссертатсия норасоиҳои зерин дида мешаванд, ки зикри он характери тавсиявӣ дорад.

1. Муҳаққиқ дар масъалаи роҳҳои тарбияи ватандӯстона ва ташаккули ифтихори миллӣ аз ашъори адибон дар ҷараёни таълиму тарбияи хонандагон мисолҳо оварда бошад ҳам, барои мукаммалтар намудан ва аз ҷиҳати равонӣ асоснок сохтани мухтавои диссертатсия намунаҳои аз ашъори шоирон овардашуда нокифоя мебошанд. Агар аз ҷиҳатии ба ҳисоб гирифтани хусусиятҳои равонии хонандагон низ мавзуъ амиқтар таҳқиқ мегардид, ба диссертатсия арзиши илмии бештар мебахшид.
2. Унвонҷӯ Саодати Раҳмоналӣ мебоист "Нақшаи чорабиниҳо оид ба амалишавии барномаи давлатии тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ҳувияти миллии ҷавонони тоҷикистон барои солҳои 2018-2022» ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2018, таҳти №79 тасдиқ гардидааст, васеътар мавриди таҳлил қарор дода, тибқи талаботи барномаи мазкур васеътар дар корҳои озмоишӣ мавриди таҳқиқ қарор медод. Дар ин маврид унвонҷӯ ба мақсади гузоштааш бештар ноил мегардид.
3. Сарфи назар аз мутобиқати умумии возеҳии забони рисола, бархе аз ақидаҳои муаллиф норавшананд ва дақиқияти мантиқӣ ва услубиро талаб менамоянд.
4. Дар матни диссертатсия ва автореферати он ғалатҳои имлоӣ, техникӣ ва дар баъзе ҳолатҳо риоя нашудани муқаррароти Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ба назар мерасад, ки ислоҳи онҳо барои боз ҳам беҳтар шудани сифати кор мусоидат ҳоҳад кард.

Бояд қайд кард, ки камбудиҳои зикршуда арзиши комили илмӣ ва дастовардҳои назарраси диссертатсияи Саодати Раҳмоналӣ дар мавзуи "Тарбияи ҳисси ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар хонандагони муассисаҳои тасилоти миёнаи умумӣ (дар мисоли ашъори адибони ҳавзаи Кӯлоб) дар ҳудуд ва миқёси мавзуи таҳқиқшуда халалдор намекунад. Дар ҳаллу фасли вазифаи пешгузошташуда диссертант далелу маводи заруриро ба таври возеҳ ва васеъ истифода кардааст. Диссертант аз адабиёти илмии зарурӣ дар самти таҳқиқоти мазкур огоҳии комил ва ҳамаҷониба дорад.

## ХУЛОСА

Диссертатсияи Саодати Раҳмоналӣ дар мавзуи "Тарбияи ҳисси ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар хонандагони муассисаҳои тасилоти миёнаи умумӣ (дар мисоли ашъори адибони ҳавзаи Кӯлоб),кори ба

итмомрасидаи илмӣ-таҳқиқотӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона ва дар сатҳи хуби илмӣ иҷро карда шудааст.

Нуқтаҳои илмӣ, натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ ва хулосаҳои рисолаи илмӣ дар мақолаҳо, аз он ҷумла дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки рӯйхати онҳо дар рисолаи илмӣ ва фишурдаи он дарҷ гардидаанд, интишор шудаанд.

Рисолаи илмӣ ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шурои диссертатсионӣ ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ, ки бо қарори ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидаанд, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он Саодати Раҳмоналӣ сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ, аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) пурра мувофиқат мекунад.

Тақриз аз тарафи эксперт, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Самиев Тоҳирҷон Абдусамадович мураттаб шудааст.

Тақризи муассисаи пешбар дар ҷаласаи васеи семинари илмӣ-назариявии кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, ки дар он довталаби дараҷаи илмӣ Саодати Раҳмоналӣ иштирок ва бо маъруза баромад намуд, баррасӣ ва тасдиқ шудааст.

Дар ҷаласаи васеи семинари илмӣ-назариявии кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ 11 нафар устодону омӯгорони донишгоҳ иштирок намуданд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: "тарафдор" - 11 нафар, "бетараф" - нест, "муқобил" - нест (қарори ҷаласаи васеи семинари илмӣ-назариявии кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ аз 16.09.2023, №02).

Раиси ҷаласаи васеи семинари<br>илмӣ-методӣ, мудири кафедраи<br>умумидонишгоҳии педагогикаи<br>Донишгоҳи давлатии омӯзгории<br>Тоҷикистон, номзади илмҳои<br>педагогӣ, дотсент — Мансурова Ҷ.С.

Эксперти таҳқиқоти диссертатсионӣ, дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Самиев Т.А.

Котиби ҷаласаи васеи семинари илмӣ-назариявӣ, номзади илмҳои педагогӣ Арбобова Ф.А.

16.09.2023

**Маълумот барои тамос:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121; Тел: +992 (37) 224 13 83, +992(918) 65 71 94; E-mail: info@mail.ru, www.tgpu.tj

Имзои Ҷ.С. Мансурова, Т.А. Самиев ва Ф.Арбобоваро тасдиқ мекунам.

Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДОТ ба номи С. Айнӣ Мустафозода А.